***УДК327***
***DOI** 10.24412/2411-1945-2022-2-154-160*

# *БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ СОҲАҲОИ ИҶТИМОӢ - СИЁСӢ ДАР ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ*

***Рустамзода Завқиддин Рустам,** унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ, (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# *НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ РАЗВИТИЯ СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКОЙ СФЕРЫ СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С МЕЖДУНАРОДНЫМИ ОРГАНИЗАЦИЯМИ*

***Рустамзода Завкиддин Рустам,** соискатель кафедры политологии Таджикского государственного университета, права, бизнеса и политики (Таджикистан, Худжанд)*

# *SOME ISSUES OF THE DEVELOPMENT OF SOCIO-POLITICAL SPHERE IN COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH INTERNATIONAL ORGANIZATIONS*

***Rustamzoda Zavqiddin Rustam ,** claimant for candidate degree of the department of political studies under the TSULBP (Tajikistan, Khujand) **E-MAIL:** mr.zavqiddin@mail.ru*

***Калидвожаҳо:** созмонҳои байналхалқӣ, бӯҳрони сиёсӣ, ризоияти миллӣ, амнияти миллӣ ва минтақавӣ, ҳамкориҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ*

*Масъалаҳои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ-сиёсии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналхалқӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Нақши назарраси созмонҳои байналхалқӣ дар ҳалли низои дохилӣ ва рушди баъдиҷангии Тоҷикистон нишон дода шудааст.Зикр гардидааст, ки баъди ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллӣ соҳаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ яке аз шохаҳои калидии рушди минбаъдаи кишвар гардиданд. Барои рушди бемайлони ин соҳаҳо давлат аз кӯмакҳои берунӣ, хусусан аз грантҳои созмонҳои байналхалқӣ истифода бурда, иқтидори худро ба таври назаррас такмил мебахшад. Инчунин андешаҳои гуногун доир ба ҳамкориҳои Тоҷикистон бо СММ, СҲШ, САҲА ва дигар созмонҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Зикр гардидааст, ки нақш ва мақоми созмонҳои байналхалқӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон назаррас буда, омӯзиш ва таҳқиқи он ҳамаҷиҳата муҳим мебошад.*

***Ключевые слова:** международные организации, политический кризис, национальное примирение, национальная и региональная безопасность, социально-политическое сотрудничество*

*Рассматривается развитие общественно-политической сферы сотрудничества Республики Таджикистан с международными организациями. Показана значительная роль международных организаций в урегулировании внутреннего конфликта 90-х годов XX в. в республике и в послевоенном развитии Таджикистана. Отмечается, что после достижения мира и национального согласия общественно-политическая сфера стала одним из ключевых направлений дальнейшего развития страны. Для стабильного развития этого направления государство значительно улучшает свои возможности за счет использования иностранной помощи, прежде всего грантов международных организаций. Также были изучены различные взгляды на сотрудничество Таджикистана с ООН, ШОС, ОБСЕ и другими организациями. Было отмечено, что в решении социально-экономических вопросов Таджикистана значительны роль и статус международных*

*организаций, а их изучение имеет большое научное значение.*

***Key words:*** *international organizations, political crisis, national reconciliation, national and regional security, socio-political cooperation*

*The article dwells on the development of socio-political spheres of cooperation between the Republic of Tajikistan and international organizations. The role of international organizations in the settlement of the internal conflict of the 90-ies and the post-war development of Tajikistan is significant, and the author notes that after the attainment of peace and national accord the socio-political sphere has become one of the key areas for the further development of the country. For a stable development of these areas the state will significantly improve its capabilities through the use of foreign assistance, primarily, grants from international organizations. Various views on Tajikistan's cooperation with UN, ShCO, OSCE and other organizations are also studied. It was noted that the role and status of international organizations in solving the socio-economic issues of Tajikistan is significant, and its study and research are of great importance.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз соҳибистиқлол гардидан бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ шуд. Бахусусан бӯҳрони ҳамаҷонибаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ имкониятҳои минбаъдаи кишварро дар самти рушду инкишоф маҳдуд гардонид. Барои раҳоӣ ёфтан аз бӯҳрони иқтисодиву иҷтимоӣ ва барқарорсозии баъдинизоӣ кишвари моро зарурат пеш омад, ки чораҳои мухталифро бияндешад. Аз ҷумлаи чораҳои муҳим дар ин самт ба роҳ мондани ҳамкории мутақобилан судманд бо созмонҳои байналхалқӣ буд.

Бо пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ низоми ягонаи иқтисодӣ аз байн рафта, барои кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯрвӣ мушкилоти зиёдро ба миён овард. Аз он ҷумла Тоҷикистон низ бинобар вазъияти печидаи сиёсӣ бо мушкилоти сангини иқтисодию иҷтимоӣ рӯ ба рӯ шуд, ки дар танҳогӣ наметавонист онҳоро бартараф ва ҳал намояд.

Ба роҳ мондани ҳамкориҳои бисёрсамта бо кишварҳои дуру наздик ва созмонҳои мухталифи байналхалқиву минтақавӣ яке аз роҳҳои халосӣ аз чунин як бӯҳрони иҷтимоиву иқтисодӣ ба шумор мерафт. Аз ин хотир Тоҷикистон ин самтро пеша намуда, ҳамкориҳои худро бо кишварҳои алоҳида ва созмонҳои байналхалқӣ ба роҳ монд, то ки роҳҳои баромадан аз чунин як бӯҳрони фарогирро пайдо намояд.

Аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти мухталифи иҷтимоӣ ва сиёсии хеш аз имкониятҳои ҳамкорӣ бо созмонҳои мухталифи байналхалқӣ истифода намуд. Сиғаи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо созмонҳои байналхалқӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию сиёсӣ дар замони соҳистиқлолӣ якранг набуд.

Ин буд, ки созмонҳои байналхалқӣ дар самтҳои мухталиф ба Тоҷикистон кӯмак намуда, дар амалӣ намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ дастгирӣ мекарданд. Зикр намудан зарур аст, ки дар ин самт нақш ва мақоми Созмони Милали Муттаҳид ва институтҳои бунёдии он, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди Аврупо, Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Кумитаи байналмилии Салиби Сурх ва ғайра бузург аст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳамкориҳои Тоҷикистон бо созмонҳои байналхалқӣ дар самтҳои мухталиф ба роҳ монда шуда, ба рушди соҳаҳои алоҳидаи ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири амиқ мерасонад. Мо нақш ва мақоми созмонҳои байналхалқиро дар равандҳои иҷтимоиву сиёсии Тоҷикистон шартан ба самтҳои зерин ҷудо намудем:




**<u>Схемаи 1.</u>** Самт ва соҳаҳои дарбаргирандаи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналхалқӣ

Яке аз самтҳои муҳимми ҳамкориҳо бо созмонҳои байналхалқӣ – ҳамкориҳои сиёсӣ ташкил мекунад, ки ба ҳалли низои дохилии Тоҷикистон, таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ, ислоҳоти сохтори давлатии Тоҷикистон, ҳифзи ҳуқуқи инсон, бунёди ниҳодҳои демократӣ равона гардида буд.

Ба назари мо баркарор шудани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар шароити Тоҷикистон бе дастгирии сиёсӣ ва миёнаравии як қатор созмонҳои байналхалқӣ, аз он ҷумла СММ, САҲА, Созмони конфронси исломӣ, Комиссари Олии СММ оид ба гурезагон ғайриимкон буд. Созмонҳои зикршуда дар ҳолати мураккабу бӯҳронии кишвари мо бо ҳар роҳу восита кӯшиш намуданд, то рушди минбаъдаи равандҳои сиёсии Тоҷикистонро ба самти зарурӣ равона созанд.

**Ҳамкорӣ бо СММ ва институтҳои бунёдии он.** Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳи таърихии узвият дар Созмони Милали Муттаҳид марҳилаҳои муайяни ҳамкориро бо ин созмони бонуфуз бомуваффақият анҷом дод. Тавре маълум аст, дар ибтидо дар натиҷаи вазъи дохилии Тоҷикистон ҳамкорӣ барои сулҳу субот дар кишвар авлавият дошт.

Нахустин Дафтари Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон, Дафтари нозирони Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон 1 феврали соли 1993 дар Душанбе ифтитоҳ ёфт. Ба андешаи муҳаққиқ Алимов Р.К. Фаъолияти БРСММ пешравии раванди сулҳ дар Тоҷикистонро таъмин намуда, ба амалиётҳои сулҳпарварӣ мусоидат карда, кӯмаки фаврии башардӯстона расонидааст [1, с.376].

Баъди иҷроиши бомуваффақонаи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон Дафтари мусоидат ба сулҳ дар Тоҷикистон (СІРТ) дар моҳи майи соли 2000 бо ибтикори Дабири кулли СММ Кофи Аннан таъсис дода шуд. Вазифаи асосии дафтар аз мусоидат ба густариш ва таҳкими пояҳои сиёсӣ, воситаҳои дохилии сулҳ, қобилияти давлат ва ҷомеа дар пешгирӣ ва ҳалли низоъҳо иборат буд. Моҳи августи соли 2007 Дафтари мусоидат ба сулҳ дар Тоҷикистон кори худро бомуваффақият анҷом дода, даҳҳо нафар иштирокчиёни ин дафтар бо мукофотҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардиданд. Ба андешаи мо дастёбӣ

ба мусолиҳаи миллӣ дар Тоҷикистон бо кумаки Созмони Милал ва кишварҳои кафил метавонад ҳамчун намунаи дипломатияи боздоранда барои кишварҳои дорои низоъҳои дохилӣ бошад.

Марҳилаи муҳими таърихи ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Созмони Милали Муттаҳид қабули қатънома бо ибтикори Тоҷикистон дар бораи эълон кардани соли 2003 Соли байналмилалии оби тоза мебошад. Фаҳмиши умумии масоили об ва нақши Созмони Милали Муттаҳид дар сафарбар кардани иродаи сиёсии ҳамаи кишварҳо барои ҳалли ин мушкилот Тоҷикистонро водор сохт, ки ташаббускори эълони Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои ҳаёт” (2005-2015), ки 22 марти соли 2005 оғоз шуд, иқдом кунад. Ҳоло ин рӯз ҳамчун Рӯзи байналмилалии об таҷлил мешавад [2, с.12].

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар иҷлосияи 71-уми Маҷмаи Умумии СММ бо пешниҳоди ҷониби Тоҷикистон қатънома оид ба эълони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018-2028 қабул гардид, ки аз ҷониби 193 кишвари узв дастгирӣ ёфт. Дар лоиҳаи қатънома ба ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон намудани Соли байналмилалии оби тоза (2003), Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» (2005-2015), Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (2013) таъкид шудааст, ки ин омили асосии мустаҳкам шудани мавқеи сиёсии кишвар дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Барномаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳамкории СММ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Дафтари Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (UNDP) дар Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Дар ибтидо, бо назардошти вазъи душвори сиёсиву иҷтимоии кишвар, фаъолияти БРСММ пеш аз ҳама ба расонидани кумакҳои башардӯстона дар посух ба эҳтиёҷоти фаврии кишвар нигаронида шуда буд. Он инчунин барои таҳкими сулҳу эътимод, мусоидат ба рушди тиҷорати хурд ва идоракунии онҳо кор кардааст. Дар Нақшаи амал доираи васеи фаъолиятҳо дар панҷ самт: паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, коҳиш додани ВНМО/БПНМ, вараҷа ва сил, идоракунӣ, пешгирӣ аз бӯҳрон ва офиятбахшӣ ва муҳити зист пешбинӣ шудааст.

Дар китоби “25 қадам дар паҳнои олам”, ки зери назари Вазири корҳои хориҷӣ Сироҷиддин Муҳриддин чоп шудааст, чунин зикр шудааст, ки барномаҳои амалкунанда ва иҷрошуда чунин самтҳоро дарбар мегиранд: Барномаи пешгирии моводи мухаддир дар Осиёи Марказӣ (CADP), Барномаи кӯмак оид ба идоракунии сарҳад дар Осиёи Марказӣ (БОМКА), таҳкими ҳадафҳои рушди ҳазорсола, дастрасии беҳтар ба инфрасохтори маҳаллӣ, иқтидори соҳибкорӣ, таҳкими омодагӣ ба офатҳои табиӣ дар водии Зарафшон, дастгирии идоракунии устувори нақлиёт дар Душанбе, тавсеаи ноҳияҳои иқтисодии энергетикии Тоҷикистон [3, с.12].

Саҳми Хазинаи Кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид (ЮНИСЕФ) низ дар коҳиши марги барвақтии кӯдакон ва модарон, беҳбуди шароити таҳсили кӯдакон, баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷавонон дар бораи ВНМО/БПНМ ва тарғиби тарзи ҳаёти солим назаррас буда, бо дастгирии шарикони рушд ба маблағи 26 миллион доллари ИМА кӯмаки моддӣ расонидааст [4, с.134]. Барномаи озуқаворӣи Созмони Милали Муттаҳид (WFP) дар расонидани кумакҳои башардӯстона барои рафъи оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ нақши муҳим бозидааст. Аз моҳи июли соли 1999 то июли соли 2001 ин барнома аввалин кӯмаки мунтазами худро ба камбизоатон анҷом дод. Ба аҳолии ноҳияҳои осебпазир аз руи барномахои «Хӯрокворӣ бар ивази меҳнат», «Хӯроки мактаб» ва ғайра зиёда аз 52 хазор тонна хурокворӣ тақсим карда шудааст.

Намояндагии Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ (СУТ), ки соли 1992 таъсис ёфтааст, барои ислоҳоти соҳаи тандурустӣ, беҳбудӣ бахшидан ба саломатии модару кӯдак, мубориза бо бемориҳои сироятӣ, дастгирии сиёсат ва стратегияҳои тандурустӣ, ҳамоҳангсозии корҳои башардӯстонаи созмонҳои байналмилалӣ, таҳкими иттилоот ва назорат машғул аст.

**Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо.** Ҷумҳурии Тоҷикистон санади ниҳоии Ҳелсинкиро моҳи феврали соли 1992 ба имзо расонд. Истифодаи таҷриба, нуфуз ва

қудрати САҲА дар раванди демократикунонии ҷомеа, таҳкими амнияти миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, эҷоди унсурҳои муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ ва танзими масъалаҳои ақаллиятҳои миллӣ ба узвияти Тоҷикистон ба ин созмон мусоидат карданд.

Ба назари мо, аз замони оғози фаъолияти САҲА дар кишвар дар замони ҷанги шаҳрвандӣ, ин ташкилот дар назди худ вазифа гузоштааст, ки дар беҳтар кардани сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, фароҳам овардани шароити мусоид ва рушди равандҳои демократӣ дар кишвар саҳм гузорад.

Дафтари САҲА дар Тоҷикистон лоиҳаҳои гуногунро бар асоси се ченак: низомӣ-сиёсӣ, иқтисодию экологӣ ва башардӯстона амалӣ мекунад. Ба ғайр аз ин дафтар ба татбиқи лоиҳаҳо ҷиҳати ҳавасмандгардонии муколамаи муассир байни ҳукумат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ мусоидат карда истодааст.

Ба гуфтаи Ҳамрохон Зарифӣ, собиқ вазири умури хориҷии Тоҷикистон, САҲА дар ҷанбаи низомию сиёсӣ ба ниҳодҳои қудратӣ дар мубориза бо терроризм, ҷиноятҳои созмонёфта, ислоҳоти милитсия, поксозии минаҳо ва ҳамчунин ҳифзи марз кӯмак карда истодааст. Дар ҳамкорӣ бо ин ниҳоди байналмилалӣ таваҷҷуҳи хоса ба таҳким ва ҳифзи сарҳад дода шуда, дар ин самт лоиҳаҳои зиёде амалӣ шуда истодаанд, ки яке онҳо ташкили Коллеҷи идораи сарҳадии САҲА ба ҳисоб меравад [5, с.31].

Ба назари мо Тоҷикистон бар он манфиатдор аст, ки САҲА воқеан нерӯманду муассир бошад ва ба манфиати тамоми аъзои худ кор кунад, созмоне бошад, ки метавонад ва бояд дар рушди иқтисодӣ ва ҳамкорӣ барои ҳифзи муҳити зист дар фазои САҲА саҳм гузорад ва принсипи амнияти барои ҳама баробарро амалӣ созад.

**Иттиҳоди Аврупо.** Муносибатҳои Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо аз соли 1992 оғоз ёфта, тайи давраи гузашта ба таври қобили мулоҳиза густариш ёфт. Равобити Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон бо ифтитоҳи дафтари Барномаи кумаки фаннии ИДМ (TACIS) дар Душанбе барқарор шуд, аммо ҷанги шаҳрвандӣ монеъ шуд, ки бархе аз тарҳҳои ин иттиҳод амалӣ шаванд.

Ба ақидаи муҳаққиқи тоҷик Солиев Р. дар ҳамкориҳои тарафайн таваҷҷӯҳи зиёд ба соҳаҳои идоракунии обу энергетика, амнияти энергетикӣ, ҳифзи муҳити зист, инчунин тавсеаи имкониятҳои нақлиётию транзитӣ дар минтақа, рушди муносибатҳои тиҷоратӣ, маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ дода мешавад. [6, с.102].

Яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби стратегияи Иттиҳодияи Аврупо нақлиёт ва энергетика мебошад. Дар соли 2010 Бонки сармоягузории Аврупо дар ҳамкорӣ бо Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР) ва Комиссияи Аврупо тасмими сармоягузорӣ барои таҷдиди нерӯгоҳҳои мавҷудаи барқи обӣ ва бунёди нерӯгоҳҳои хурди барқи обӣ дар кишварро ба маблағи 145 миллион евро тавсия дод, ки як қисми он барои ду лоиҳаи энергетикӣ, аз ҷумла бозсозии нерӯгоҳи Қайроққум ва бозсозии системаи ҳисоббаробаркунии нерӯи барқ дар вилояти Суғд сарф шудааст. [7]

Мо чунин мешуморем, ки лоиҳаҳои сохтмони роҳҳои мошингард ва оҳан, кашидани хатҳои интиқоли барқ, ки ҳоло дар Тоҷикистон амалӣ шуда истодаанд, на танҳо барои аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани кишвар, балки барои густариши ҳамкории минтақавӣ мусоидат менамоянд.

Соҳаи дигари муҳими ҳамкорӣ ин соҳаи маориф буда, барои пешрафти иқтисодиёти мамлакат ва ояндаи ҷавонон барои гирифтани маълумоти олӣ ва касбӣ-техникӣ аҳамияти махсус дорад. Дар ин замина аз оғози соли 2009 барномаҳои Иттиҳоди Аврупо «Темпус» ва «Эразмус Мундус» дар соҳаи маориф фаъолияти худро дар Тоҷикистон густариш дода истодаанд. Ин барномаҳо ба пешбурди ислоҳоти низоми таҳсилоти олӣ тавассути маблағгузории лоиҳаҳои муштараки донишгоҳҳои аврупоӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои шарик, аз ҷумла Осиёи Марказӣ нигаронида шудаанд.

**Созмони ҳамкории Шанхай.** Маълум аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи

дипломатияи бисёрҷониба ба рушди муносибатҳои муассир дар доираи Созмони ҳамкориҳои Шанхай таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунад. Бесабаб нест, ки дар консепсияи кунунии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки ҳадаф аз иштироки фаъолонаи Тоҷикистон дар СҲШ ин таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, муносибатҳои боэътимоду дӯстона байни кишварҳои узв ва нозирон, инчунин таҳкими амният, субот ва рушди устувори иқтисодӣ дар минтақа аст» [8].

Ҷанбаи дигаре, ки ба ҳамкории Тоҷикистон бо ин созмон мусоидат кардааст, ҳифзи амнияти миллӣ ва минтақавӣ мебошад. Албатта, дар шароити имрӯза амнияти Тоҷикистон ҷузъи ҷудонашавандаи низоми муосири амнияти байналмилалӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина яке аз механизмҳои асосии таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ барои Тоҷикистон Созмони ҳамкориҳои Шанхай буда, пас аз ба даст овардани истиқлолият ба давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Мардумии Чин аз даврони Шӯравӣ як қатор мушкилоти марзӣ мерос монда буд, ки барои ин аз кишварҳои минтақа ва абарқудратҳо, аз қабили Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин, як минбари муштарак тақозо мекард. Фаъолияти бистсолаи СҲШ тасдиқ мекунад, ки ин созмон заминаи арзанда ва бонуфуз барои муҳокима ва ҳаллу фасли мушкилоти мубрами минтақавӣ ва байналмилалӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, метавон зикр намуд, ки СҲШ яке аз механизмҳои асосии минтақавӣ буда, дар таъмини амнияти минтақавӣ, ҳамгироии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нақши муҳим дорад.

**Созмони ҳамкории исломӣ.** Созмони ҳамкориҳои исломӣ дар раванди ҳамгироии кишварҳои исломӣ ва ҳамкориҳои миёни онҳо нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, бо назардошти нуфузи ин созмон, Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолият 1 декабри соли 1992 ба ин созмон аъзо шуд. Дар соли 2007 Тоҷикистон ба узвияти Иттиҳоди порлумонии СҲИ пазируфта шуда, бо ниҳодҳое чун Бонки рушди исломӣ, Созмони СҲИ оид ба маориф, илм ва фарҳанг (ISESCO)  ва дигар муассисаҳои он ҳамкории густурда дорад. Дар соли 2010 Душанбе пойтахти фарҳанги исломӣ эълон шуда, дар остонаи нишасти Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ бо ширкати Тоҷикистон Анҷумани соҳибкорони кишварҳои исломӣ баргузор шуд. Ҳамчунин бо иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон Нақшаи чорабиниҳо оид ба рушди ҳамкориҳои СҲИ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ қабул гардид.

Самтҳои ҳамкории Тоҷикистон ва СҲИ бахшҳои муҳими иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла коҳиши камбизоатӣ, рушди иқтисодӣ, тиҷорат, молия, нақлиёт, энергетика, сайёҳӣ, кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ, илм, маориф ва технология, тандурустӣ, муҳити зист ва дипломатияи ҷамъиятиро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо созмонҳои байналхалқӣ ҳамчун майдони баёни мавқеъ ва ташаббускории Тоҷикистонро, ки кишвари хурд ва ҷавон мебошад, таъмин намуд. Баргузории ҷаласаҳои сатҳи баланди созмонҳои байналхалқӣ дар Тоҷикистон масъулиятшиносии сиёсиро баланд гардонид ва пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе дар қатори дигар шаҳрҳои бузурги олам ба меҳвари қабули қарорҳои сиёсии сатҳи байналхалқӣ табдил шуд. Инчунин, риоя ва иҷроиши муқарраротҳои созмонҳои байналхалқӣ масъулияти сиёсии кишварро рушд бахшида, Тоҷикистон таҷрибаи фаъолияти соҳаҳои мухталифро пайдо кард.

### *Пайнавишт:*


1. *Алимов Р.К. Таджикистан – ООН: Выступления, документы и материалы. 1993 – 2000 годы. – Москва: Международные отношения, 2001. – 376 с.*
2. *Каримов О. Политическое сосотояние Таджикистана в 90-е годы XX в. и в начале XXI в. – Худжанд, 2007. – 264 с.*
3. *25 қадам дар паҳнои олам. Зери назари Сироҷиддин Аслов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 220 с.*
4. *Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият. Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. - Душанбе: Ирфон, 2011. - 340 с.*

5. *Зарифӣ Ҳ. Тоҷикистон – САҲА: муколама ва ҳамкорӣ. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 352 с.*
6. *Солиев Р.А. Таджикистан – Европейский союз: взаимовыгодное партнерство. - Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 308 с.*
7. *Интернет-сарчашма. URL: https://www.eeas.europa.eu/tajikistan/evropeyskiy-soyuz-i-tadzhikistan_ru?s=228#6433 (санаи муроҷиат: 14.01.2022)*
8. *Интернет-сарчашма. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/4255/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston (санаи муроҷиат: 14.01.2022)*

**_Reference Literature:_**

1. *Alimov R.K. Tajikistan - UNO: Speeches, Documents and Materials. 1993 - 2000. - M.: International Relations, 2001. - 376 pp.*
2. *Karimov O. The Political Situation of Tajikistan in the 90$^{s}$ of the XX-th and at the Beginning of the XXI-st Centuries. - Khujand, 2007. – pp.264.*
3. *25 Steps across the Globe. Edited by Sirojiddin Aslov. - Dushanbe: Cognition, 2016. – pp.220.*
4. *Tajikistan's Foreign Policy on the Path to Independence. Under the editorship of Hamrokhon Zarifi. - Dushanbe: Cognition, 2011. –340 pp.*
5. *Zarifi H. Tajikistan - OSCE: Dialogue and Cooperation. - Dushanbe: Cognition, 2009. – 352pp.*
6. *Soliev R.A. Tajikistan - European Union: mutually Beneficial Partnership. - Dushanbe: ER-Graph, 2016. – 308pp.*
7. *Internet resource. URL: https://www.eeas.europa.eu/tajikistan/evropeyskiy-soyuz-i tadzhikistan_ru?s=228№6433 (date of search 01/14/2022)*
8. *Internet resource. URL: https://mfa.tj/tg/main/view/4255/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston (date of search 01/14/2022)*